**ТАҚРИЗИ**

мукаррризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Қабл аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки рушди брсуръати иҷтимоию иқтисодии дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бавуқуъпайваста ба зарурати тарбияи насли нави эҷодкор, шахсияти дорои тафаккури мустақил, бомасъулияту ташаббускор ва муносибати эҷодкорона ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, дорои доираи васеи салоҳиятҳои асосӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, идроки масъулияти худ барои ояндаи кишвар ба миён гузоштааст. Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ашхоси эҷодкор ниёз дорад, ки мустақилона ба бунёди роҳи зиндагии худ ва расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбии худ қодир бошанд.

Масъалаҳои ташаккул ва инкишофи қобилияти маърифативу эҷодии шахс дар ҳама давру замонҳо мавриди таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон карор гирифта, яке аз мавзуъҳои асосии таҳқиқоти равоншиносони муосир маҳсуб меёбад.

Фаъолият ва нерӯе, ки шахс дар кору зиндагӣ муайян нишон медиҳад, хоҳиши ӯро барои ифодаи берунии қобилият ва истеъдоди худ, таваҷҷуҳи ӯро ба рушди минбаъда, таваҷҷуҳи бемаҳдуд ба олами атроф, хоҳиши саҳмгузорӣ дар дигаргунсозии сифатии он ифода мекунад.

Метавон таъкид кард, танҳо шахсе, ки аз ҷониби дигарон дарк карда мешавад, бехатарии худро ҳис мекунад ва бо хоҳиши зоҳир кардани шахсияти худ ба худифодакунӣ қодир аст.

Ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ дорои аҳамият ва зарурати махсус аст, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилият ва мустақилияти ҷустуҷӯ, баргузории таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалҳои гуногун барои коркарду банизомдарорӣ, ҷамъбасту хулосабарорӣ ва истифода карда тавонистани маълумоти бадастовардаро ташаккул медиҳад.

Бо дарназардошти ин вижагиҳо, унвонҷӯй Мансурова Дилрабо хеле бомаврид ва дуруст иброз ҳам кардааст, ки муассисаи таҳсилоти томактабиро лозим меояд, ки барои тарбиятгирандагон шароит ва имконоти мусоид фароҳам оварад, то ки шогирдон ихтироъ кардан ва

гузаронидани таҳқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд ва дар ин ҷода зарур аст, ки мураббиён бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои эҷоди фазои махсусу инфиродии таълимӣ пайгирона саъйу талош кунанд.

Ҳамин тариқ, фармоиши иҷтимоии ҷомеаи кунунӣ дар одами муосир ниёзи доимиро ба фарогирии донишҳои нав, қобилияти мустақилона ошкор кардани сиришти падидаҳо ва моҳияти мафҳумҳои гуногун, эҷодкорона истифода бурдани донишҳои андухтаро ба мақсади ҳалли масъалаҳои дар назди инсон гузошташуда пешбинӣ мекунад.

Аз ин дидгоҳ, масъалаи баррасии шароитҳои ташкилию педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар ва коркарду амалисозии амсилаи ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни калони томактаб дар муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Мансурова Д.Қ. саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ шуда, далолат ба аҳамияти назариявӣ ва арзиши илмиву амалӣ доштани тадқиқоти диссертатсионии мазкур мекунад.

Бо иброз доштани андешаҳои дар боло баёншуда қайд карданием, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб – “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шароити кунунӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро аҳамияти назариявию амалии мавзуъ бо дарназардошти талаботи замон ба рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии насли навраси кишвар мусоидат намуда, боиси беҳтар шудани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз он ҷумла, ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ

асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо тамоми ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои таҳқиқшавандаро фаро гирифта, унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқот гузоштааш ноил шудааст ва фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит месозанд, ки вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаи муаллифи диссертатсия амалӣ шудаанд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотӣ диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулоса ва тавсияҳои методии таҳия ва манзуркардаи муаллиф собит месозанд, ки аз ҷониби унвонҷӯй корҳои мушаххаси илмӣ-амалии зиёд ба анҷом расонида шудаанд, ки онҳоро ҳамчун навгогии илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Мансурова Дилрабо ҳисобидан мумкин аст, аз он ҷумла:

1) Аз ҷониби унвонҷӯй мафҳуми «ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и кӯдакони синни калони томактабӣ  дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ташреҳу мушаххас карда шудааст ва аз назари муаллиф маънои зери таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна тағйир ёфтани сифатҳои шахсияти кӯдаки синни томактабиро  дар назар дорад, ки воқеан мафҳуми «ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-ро дуруст ифода мекунад.

2) Унвонҷӯй шароит ва имкониятҳои педагогӣ ва иҷтимоии таҳсилоти томактабиро ҳамчун як самти фаъолияти педагогӣ ошкор кардааст, ки он имкон медиҳад мустақилият ва ташаккули салоҳиятҳои маърифативу эҷодии бачагон дар шароити фаъолияти ӯ дар машғулияту иттиҳодияҳои эҷодии кӯдакон, ки фаро гирифта шудаанд, ҳамчунин ба озодии интихоби фаъолияти мувофиқе, ки ба талабот ва шавқу рағбати кӯдак мувофиқат мекунад, мусоидат мекунад.

3) Муаллифи таҳқиқот вижагиҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабиро аз ҷиҳати илмӣ дақиқ ошкор ва ба тариқи зайл муайян кардааст:

- сохтани  фазои инфиродии таълимӣ барои ҳар як кӯдак ва татбиқи он;

- хусусияти шахсан аҳамиятдоштаи фаъолиятҳои дорои ҷанбаҳои таълимиву тарбиявӣ ва рушдиҳанда;

- фаъол гардонидани ҷанбаи ангезавӣ нисбат ба фаъолияти эҷодии бачагон тавассути хусусияти тағйирпазири ҷузъҳои таркибии раванди таълим, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва шавқу рағбати маърифатии кӯдакон нигаронида шудааст;

- имконияτҳои кофии замон, ки барои тағйири шакл ва намудҳои фаъолияти эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври васеъ имкон фароҳам меоранд ва вазифаҳои эҷодӣ вобаста ба дараҷаи мураккабии онҳо бо назардошти қобилият, хоҳиш ва шавқу завқи кӯдак ҷудо карда мешаванд;

- фазои ғайрирасмӣ ва озод дар ҷараёни таълиму тарбия.

4) Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, муайян карда шудаанд;

Дар воқеъ, мавҷудияти робитаи байниҳамдигарии ҷузъҳои таркибии амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ имкон медиҳанд, ки чунин нишондиҳандаҳо ба мисли амалисозии нақшаи эҷодӣ, савияи зоҳиршавии фардият, маҳсулнокии фаъолият, интихоби маводу воситаҳо, асолати нақша ва иҷрои кор ҷудо карда шаванд.

5) Аз ҷониби муаллифи диссертатсия амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ коркард шуда, дар шароитҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвибу татбиқ ва самаранокии он исбот карда шудааст.

Амсила аз чаҳор бахш - методологӣ, технологӣ, муҳтавоӣ ва баҳодиҳӣ иборат буда, бахши методологии он равишҳо ва принсипҳои умумипедагогиро дар бар мегирад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро таъмин мекунанд. Бахши муҳтавоӣ марҳилаҳои таҳияи барномаи таҳсилоти томактабӣ ва таъмини меъёрии онҳо ва бахши технологӣ технологияҳои калидии педагогӣ, шаклу методҳо, инчунин шароитеро дар бар мегиранд, ки барои ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ заруранд. Дар доираи бахши баҳодиҳӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зарурӣ барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ муайян карда шудаанд. Аз назари мо, ин як навгонии хуби илмие, мебошад, ки истифодаи он, бе ягон шаку шубҳа, дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ рушди муназзами салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдаконро таъмин хоҳад сохт.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо навгониҳои илмии диссетратсия, дар асоси ақидаю назарияҳои бунёдӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли озмоиш санҷида шудааст, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти

томактабӣ, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия ва онҳоро дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳаллу фасли худро ёфтаанд, масалан:

- қайд гардидааст, ки мураббии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбия, ки ба татбиқи барномаи таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, таъсири педагогӣ мерасонад. Савияи фаъолнокии кӯдакони синни калони томактабӣ бо ҳавасмандии дохилии онҳо, қобилияти ҷудо кардани вазифаи эҷодӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли он тавассути худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ муайян карда мешавад;

- шарҳ дода шудааст, ки иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии системаи таҳсилоти томактабӣ ғанитарин сарват ва воситаи тавонои рушди неруи эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад. Таҳти мафҳуми ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ раванди лоиҳасозишудаи педагогиро дар назар аст, ки ба он мунтазамӣ ва мақсаднокӣ хос буда, ҷузъи ҷудонашавандаи таркибии раванди ташаккули шахсияти гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

- муқаррар карда шудааст, ки дар байни нишондихандаҳои асосие, ки савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро дар шароити муассисаи таҳсилотӣ тавсиф мекунанд, нишондиҳандаҳои зерин мебошанд: савияи зуҳуроти фардият ҳангоми иҷрои кори эҷодӣ; қобилияти амалӣ намудани ғояи эҷодӣ дар тайёркунии маснуот; маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ, ки хоҳиши кӯдакро барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ҳангоми иҷрои саҳеҳ ва бо сифати баланд дар бар мегирад; маҳорати ба кор бурдани техникаи гуногун ва кор бо навъҳои гуногуни мавод ва асбобҳо. Тағйироти нишондиҳандаҳои савияҳо ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодиро дар кӯдакони синни калони томактабӣ пайгирӣ кунем;

- муайян гардидааст, ки барои таъмини самаранокии раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд шароити зерини педагогӣ муҳайё карда шаванд:

- ҳавасманд намудани кӯдакон ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ;

- фароҳам овардани вазъияти муваффақиятнок;

- ба кӯдакон таъмин намудани ҳуқуқи озодона интихоб намудани намуд ва самтҳои фаъолияти дорои хусусияти эҷодӣ ва бадеӣ;

- ба шаклҳои гуногуни ташкили кори эҷодӣ мурочиат намудан;
- усулҳои фаъолияти таҳқиқотиро корбаст намудан.

Нуктаҳои асосии аз ҷониби довталаб ба ҳимоя пешниҳодшуда моҳият, мундариҷа ва муҳтавои кори диссертатсиониро инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаро барои баррасӣ пешниҳод мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Довталаби дараҷа илмӣ Мансурова Дилрабо дар диссертатсия адабиёти илмии соҳаи методика, педагогика ва психологияро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, моҳияти онҳоро дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ зимни ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок кардааст.

Ҷиҳати арзишманди таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилором дар он аст, ки ӯ дар диссертатсия масъалаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ва механизми амалигардонии онро дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимони варзидаи ватанӣ омӯхта, барои исботи андешаҳои худ фикру мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст ва онҳоро ҳаматарафа таҳлил ва коркард намудааст.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозанд.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои пажӯҳиши илмии довталабро метавон чунин арзёбӣ кард:

- асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо;
- истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таҳсилоти томактабӣ;
- истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, фарзия, вазифа ва роҳҳои ҳалли проблемаи таҳқиқот;
- асоснокӣ ва заминаҳои озмоишии таҳқиқоти диисертатсионӣ;
- гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҳамчун пойгоҳи озмоишии таҳқиқот интиходшуда, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада буд;

- озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии гуногуни ҷумҳурӣ.

Ғояҳои асосии таҳқиқот, инчунин натиҷаҳои илмии он дар ҳашт мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз ҷумла чор мақола дар нашрияҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба табъ расидаанд.

Мансурова Дилором корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар пойгоҳи 4 муассисаи таҳсилоти томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд бо фарогирии 57 нфар мураббиён, 46 нафар волидайн ва 173 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронида, натиҷаҳои онро дар семинарҳои илмию амалӣ ва методии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва дар конфронсҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима ва тасвиб қарор додааст. Ин ба муҳаққиқ имкон додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро муаррифӣ ва баррасӣ кунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои таҳқиқот муаррифгари арзиши илмӣ-назариявӣ, амаливу иҷтимоӣ ва навгонии илмии таҳқиқот мебошанд, ки муаллиф дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст, масалан:

- амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар асоси равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он ба назарияи таълими томактабии бачагон саҳми муайяне мебошад;

- заминаи методологии тайёрии томактабии бачагон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шудаас;

- маҷмӯи воситаҳои муосире муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гуруҳи кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин мекунанд, аз ҷумла:

– мачмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

- таҳия ва тасвиби барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии умумиинкишофӣ бо номи «Устохонаи сеҳрнок», ки ба ташаккули қобилияти бадеии бачагон нигаронида шудааст;

- тавсияхои амалӣ ва назариявӣ оид ба таҳияи барномаи таълимии умумиинкишофӣ, ки вазъияти кунунии тарбияи томактабии ҷумҳуриро ба назар мегирад, мураттаб гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими мамлакат қарор гиранд ва онҳоро ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ва сифати дониши иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ истифода баранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи унвонҷӯй дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ баррасӣ шуда, аз руйи мазуи диссертатсия 16 мақола интишор гардидааст, ки 4 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ва автореферати унвонҷӯй Мансурова Дилрабо ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуни диссертатсияро ифода карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо дарназардошти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, бо забони фаҳмо, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз он ҷумла, ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло қайд шуданд, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо холӣ нест. Фикр мекунем, ифшои онҳо таълифи монография ва таҳқиқоти минбаъда ба унвонҷӯй мадад хоҳад кард:

1. Муаллиф дар диссертатсия ихтилоферо байни вазифаҳо вобаста ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва омодагии нокифояи мураббиёни низоми таҳсилоти томактабӣ нисбат ба ташкили ин раванд мутобиқи талаботи муосир дуруст ва воқеъбинона ошкор ва муайян кардааст, вале, мутаассифона, дар раванди таҳқиқот барои ислоҳ ва бартарафсозии ин ихтилоф, яъне омодагии нокифояи мураббиёни низоми таҳсилоти томактабӣ пешниҳод ё тавсияеро манзур накардааст, ки минбаъд шояд дар амри ислоҳи ин норасоӣ кумак ва мусоидат мекард.

2. Бисёр хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия мавзуъҳои ҳар як соати машғулиятҳои назариявӣ ва амалиро манзур мекард.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ва мантиқӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо сифати корро хубтар мекунад.

Албатта, ин камбудиҳо ва норасогиҳо арзиши диссертатсияро кам намекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони

калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан
дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ
ва миёнаи умумии филиали
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

Суроға: 734000, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи М. Турсунзода 8а.
Тел: 915272221

Имзои Қурбонова Г.А.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои ФМДДҶТИБКСМ Мирзоев Д.

20. 08. 2024